# ХУЛОСАИ
# ШӮРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-052-И НАЗДИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

**Парвандаи аттестатсионии №1**

**Қарори Шӯрои диссертатсионӣ аз 18 апрели соли 2020, таҳти №07**

Барои сазовор донистани Саидзода Баҳрулло Хол, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050300-Психология.

Диссертатсияи Саидзода Баҳрулло Хол дар мавзӯи «Тадқиқи хусусиятҳои психологии шахсияти наврасону навҷавонони майл ба худкушидошта (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050300-Психология, 06-уми январи соли 2020, суратмаҷлиси №05 аз ҷониби Шӯрои диссертатсионии назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.04.2019 с., №95) қабул карда шудааст.

Довталаб Саидзода Баҳрулло Хол, соли таваллудаш 1991, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон. Соли 2013 зинаи бакалавриат ва соли 2015 зинаи магистратураи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси психология хатм намудааст. Соли 2015 дар кафедраи зикршуда ба ҳайси доктор (PhD) қабул гардида, соли 2018 онро ба итмом расонидааст.

Аз моҳи сентябри соли 2018 то имрӯз ба ҳайси психологи литсе-интернати президентӣ барои кӯдакони болаёқати Ҷумҳурии Тоҷикистон ифои фазифа менамояд.

Диссертатсия дар кафедраи психологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Мавзӯи диссертатсия дар ҷаласаи Шӯрои олимони факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 28.11.2015, протоколи №4 тасдиқ шудааст.

**Роҳбари илмӣ**: **Амонов Н.Қ.** – номзади илмҳои психологӣ, дотсент, мудири кафедраи психологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Мушовири илмӣ**: **Юнусова Н.М.** – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

Иматова Лутфия Маҳмадиллоевна – доктори илмҳои педагогӣ, профессор, директори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон;

Мингбоев Абдуворис Юзбоевич – номзади илмҳои психологӣ, дотсенти кафедраи психологияи умумии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров.

**Муассисаи тақриздиҳанда** - Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби мудири кафедраи педагогика ва психологияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, доктори илмҳои педагогӣ, профессор Абдураҳимзода Қудратулло Саид имзо ва аз ҷониби ректори ҳамин донишгоҳ, Давлатзода Сайфиддин Хайриддин доктори илмҳои биологӣ, профессор, тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Саидзода Баҳрулло Хол дар мавзӯи «Тадқиқи хусусиятҳои психологии шахсияти наврасону навҷавонони майл ба худкушидошта (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» ба бандҳои 10-16-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти №505 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Саидзода Баҳрулло Хол сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050300-Психология мебошад.

Дар интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда он чиз ба асос гирифта шудааст, ки аз рӯйи ихтисоси психология корҳои илмӣ-тадқиқотии онҳо ба масъалаи таҳқиқшавандаи диссертатсияи Саидзода Б.Х. алоқамандӣ доранд.

Диссертант 6 маводи чопӣ дорад, ки ҳамаашон дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд. Интишороти довталаб нуктаҳои асосӣ, натиҷа ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд.

**Мақолаҳои чопшудаи довталаб аз рӯйи мавзӯи диссертатсия, дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааст.**

1. Саидов Б.Х. Худкушӣ: назари динҳои ҷаҳонӣ //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. -2016. - №3\4 (205). - С. 218-220. ISSN 2074-1847.
2. Саидов Б.Х. Таъсири доираи муошират ба амали худкушӣ //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - 2016. -№3/8 (216). -С.223-226. ISSN 2074 - 1847 (дар ҳаммуаллифӣ)
3. Саидов Б.Х. Хушунат ва худкушӣ падидаи рушдёфтаи иҷтимоӣ дар

замони муосир //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - 2017.-№3\4. -С.147-151. ISSN 2074 - 1847.
4. Саидов Б.Х. Таҳаммулпазирӣ ва ҷанбаҳои психологии он ба амали худкушӣ //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - 2017. -№3/7. Қисми 2. - С. 271-274. ISSN 2074-1847.
5. Саидов Б.Х. Таҳлили рафтори худкушӣ //Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. - 2017.-№4 (71). -С.46-51. ISSN 2219 – 5408.
6. Саидов Б.Х. Дезадаптатсияи психологӣ яке аз сабабҳои худкушӣ //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. -2018. -№4. -С.237-242. ISSN 2074-1847 (дар ҳаммуаллифӣ).

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шӯрои диссертатсионӣ пешниҳод шудаанд:**

- доктори илмҳои педагогӣ, профессор, мудири кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии тибии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино – **Юлдошев У.Р.;**

- доктори илмҳои педагогӣ, профессор, директори Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон – **Файзализода Ҷ.Х.;**

- номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи педагогика ва психология Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода – **Ошимова М.М..**

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эродҳои ҷузъӣ баён шудаанд. Эродҳо асосан хатогиҳои техникиро дар бар мегиранд.

**Шӯрои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар таҳқиқоти диссертатсионии довталаб:**

- аввалин бор аз назари илмӣ омилҳои водоркунандаи рафтори худкушии инсонҳо, махсусан наврасону навҷавонон ошкор карда шудааст, ки инҳо мебошанд: омилҳои иҷтимоӣ, психологӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, ҳуқуқӣ ва ғайра;

- тадқиқотчӣ ошкор кардааст, ки наврасону навҷавонони майл ба худкушидошта гирифтори ҳолатҳои афсурдаҳолӣ ва изтиробнокӣ мебошанд;

- новобаста аз мавҷудияти зинаи афсурдагӣ (муътадил ё амиқ) ва дараҷаи изтиробнокӣ (миёна ё баланд), наврасону навҷавонони майл ба худкушидошта вобаста ба ҳолатҳои эмотсионалӣ ва хусусиятҳои синну соли худ метавонанд дар як лаҳзаи кӯтоҳ майли худкушӣ кунанд ва ё даст ба амали худкушӣ зананд.

- дар натиҷаи таҳқиқот ошкор карда шудааст, ки байни наврасону навҷавонони гурӯҳи осебпазири касди худкушидошта аз рӯйи шумора намояндагони мизоҷи меланхоликӣ бартарӣ доранд;

- ошкор карда шудааст, ки наврасону навҷавонони майли худкушидошта дорои типҳои махсуси характер мебошанд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот.**

Аҳамияти назариявии рисолаи мазкур дар он аст, ки натиҷаҳои бадастовардаи муаллифро метавон дар коркарди курсҳои таълимӣ ва навиштани дастуру китобҳои дарсӣ оид ба масъалаи рафтори суидсидӣ, ҳангоми омода кардани лексияҳо ва курсҳои махсус доир ба масъалаи тадқиқот, дар вақти тадриси фанҳои психологияи синнусолӣ, ташхиси психологӣ, психологияи иҷтимоӣ, психологияи девиантӣ ва ғайра истифода кард.

**Дар раванди таҳқиқот** ба таври мушаххас дар диссертатсия аз ҷониби диссертант усулҳои умуминазариявӣ (таҳлили адабиёт, муқоиса), эмпирикӣ (анкета, суҳбат); ташхисӣ (тестгузаронӣ), таҳлили мантиқӣ, таърихӣ, системавӣ ва муқоисавӣ, инчунин усулҳои коркарди математикӣ мавриди истифода қарор дода шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар он аст, ки ӯ** назарияву консепсияҳои олимони машҳурро мавриди таҳлили илмӣ қарор дода, дар заминаи тадқиқи масъала омилҳои водоркунанда ба амали худкушӣ ва механизмҳои муайян кардани "гурӯҳи хатар" дар муносибат ба рафтори суидсидро пешниҳод намудааст. Илова бар ин, мутобиқнамоии якчанд методҳои психологиро, ба монанди: методикаи ташхисии Бэк (саволномаи афсурдагӣ), методикаи ташхисии Тейлор (дараҷаи изтиробнокӣ), методикаи ташхисии А. Белов (типи бартаридоштаи мизоҷ), методикаи ташхисии Т.В. Матолин (типҳои характер) ва методикаи ташхисии Б. Басс (равияҳои шахс)-ро бо назардошти талаботи психометрикӣ ба шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ намудааст, ки яке аз таҷрибаҳои аввалин буда, дар ин самт аҳамияти махсусро соҳиб аст.

Шӯрои диссертатсионӣ дар ҷаласаи худ 18 апрели соли 2020 дар бораи ба Саидзода Бахрулло Хол додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050300-Психология қарор қабул намуд.

Аз 16 нафар аъзои доимии Шӯрои диссертатсионӣ 13 нафар иштирок доштанд, аз онҳо 2 нафар доктори илм наздик ба ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда, дар асоси овоздиҳии пинҳонӣ иштироккунандагон овоз доданд: тарафдор 13 нафар, зид нест, бетараф нест.

**Раисикунанда дар Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои педагогӣ, профессор** **Маҷидова Б.**

**Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои фалсафа, дотсент** **Миров Ф.С.**